«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
_16_ _феврали_ соли 2024

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ аз тарафи Самиева Нисо Шарбатовна дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Самиева Нисо Шарбатовна аз соли 2016 ҳамчун унвонҷуйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2020 хатм намудааст. Ҳоло дар вазифаи ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 27.01.2017, қарори № 6/8.1. тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ:

1. Фалсафа – 5 (аъло);
2. Англисӣ – 4 (хуб);
3. Фолклоршиносӣ – 5 (аъло).

**Аз муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаи зерин бановарда шуд:**

Адабиёти гуфторӣ яке аз бахшҳои муҳим ва пурбору пурғановати фарҳанги миллии тоҷикӣ буда, таърихи зуҳуру инкишофи он ба фарҳанги қабл аз исломии миллати мо пайванди ногусастанӣ дорад. Дар ин фосилаи тулонии замонӣ адабиёти гуфторӣ вобаста ба пешрафти ҷомеа, ҳодисаю вокеаҳои хурду бузурги таърихӣ, ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва ҳам, аз лиҳози шакл ва анвои адабӣ таҳаввул ёфта, ба як рукни муҳим ва побарҷои фарҳанги миллӣ мубаддал гардидааст. Дар осори гуногунжанри ин адабиёт маънавият, ормон, орзую омол ва ахлоқу суннати миллӣ ҳифз ва аз насл ба насл ба таври гуфторӣ интиқол ёфта, то ба замони мо расидааст. Аз тарафи дигар, осори гаронарзиши адабиёти гуфторӣ бо роҳҳои гуногун ба

адабиёти навиштори ворид гардида, ба яке аз сарчашмаҳои муҳимми инкишофи адабиёти классикию муосири тоҷик табдил ёфтааст. Дар таърихи адабиёти тоҷик шоир (аз ҷумла, шоири мардумӣ) ва нависандаеро пайдо кардан душвор аст, ки вай аз адабиёти гуфторӣ илҳом ва мазмуне нагирифта бошад. Гузашта аз ин, шоироне ҳам ҳастанд, ки бевосита аз миёни халқ баромада, эҷодиёташро бо сабк ва оҳангҳои адабиёти гуфторӣ манзури хонанда намудаанд.

Мавзуи мавриди назари диссертант, низ ба таҳқиқи хусусиятҳои поэтикии ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода ихтисос дорад, гувоҳи ин андеша аст. Аз ин рӯ, Саид Холзодаро чун намояндаи адабиёти гуфторӣ ҳисобида, эҷодиёташро, ки аз фазилатҳои адабиёти гуфторӣ низ бархурдор нест, бо диди ин ду адабиёти: гуфторӣ ва навишторӣ таҳлил ва таҳқиқ кардани он аз авлавиятҳои хос бархурдор буда, ба **муҳиммияту мубрамияти мавзуи таҳқиқ далолат мекунад.**

Бо вуҷуди ин, рӯзгор ва осори шоири мардумӣ Саид Холзода дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Анҷом додани пажуҳиши фарогири илмӣ дар мавриди поэтикаи ашъори шоири мардумӣ - Саид Холзода имкон медиҳад, ки ашъори ин шоири мардумӣ ба таври зарурӣ муаррифӣ шавад ва мақому мартабаи ӯ дар адабиёти гуфторӣ ба таври воқеӣ мушаххас гардад. Ҳадафи интихоби мавзуи мазкур ба ҳайси проблемаи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳз аз ҳамин ниёзи илмӣ ва хоса фолклоршиносии тоҷик сарчашма мегирад, ки он бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳия гардидааст.

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии таълифи диссертатсия омӯзиши амиқ ва фарогири рӯзгору осори Саид Холзода ва муайян кардани хусусиятҳои поэтикии ашъор ва мақому ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти тоҷики садаи XX мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Зимни таълифи таҳқиқоти мазкур баррасии масъалаҳои зеринро вазифаи муҳимми таҳқиқот мешуморем:

1. Таҳқиқи ҳаматарафаи зиндагиномаи шоир дар робита ба муҳимтарин ҳодисаю воқеаҳои замони зиндагии ӯ;
2. Пажуҳиши мероси адабии шоир вобаста ба замон ва муҳити эҷодӣ;
3. Баррасии масоили марбут ба сохторшиносӣ ва анвои шеърии ашъори шоир;
4. Омӯзиши мақому ҷойгоҳи жанри достон дар эҷодиёти шоир ва вижагиҳои адабию ҳунарии достонҳои ӯ;
5. Таҳқиқи авзони ашъори Саид Холзода, мақому ҷойгоҳи навъҳои қофия ва радиф, шеваҳои истифода ва ҳунари адабии шоир;

6. Баррасии мавқеи саноеи адабӣ, маҳорати истифодаи санъатҳои маънавию лафзӣ ва накши онҳо дар фароҳам омадани сабки адабии шоир;

7. Пажуҳиши вижагиҳои корбурди забон, мақом ва ҷойгоҳи вожаҳои китобӣ ва мардумӣ дар матни шеъру достонҳои Саид Холзода.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Муаллиф зимни таҳқиқи мавриди назар асосан, ба осори илмии донишмандону муҳаққиқони ватанӣ - Р.Амонов, В.Асрорӣ, Б.Шермуҳаммадов, Н.Файзуллоев, С.Саидов, Р.Раҳмонӣ, С.Қосимӣ, Д.Раҳимӣ ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик нахустин пажуҳиши монографӣ ва фарогири илмист, ки рӯзгору поэтикаи ашъори Саид Холзодаро ба ҳайси як шоири мардумӣ муаррифӣ менамояд. Муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ, масири ба ҷаҳони шеъру адаби тоҷикии солҳои 50-90-и садаи XX ворид гардидани шоир бори аввал ба таҳқиқ омадааст. Дар диссертатсия баррасӣ гардидани вижагиҳои шаклию мазмунӣ, адабию ҳунарии ашъори дар давраҳои гуногун офаридаи Саид Холзода, омезиши суннатҳои адабии классикию фолклорӣ дар эҷодиёти ӯ иқдоми нахустин мебошад. Ба таври куллӣ, паҳлӯҳои асосии рӯзгори иҷтимоӣ ва адабии Саид Холзода дар диссертатсия мавриди таҳқиқи комилу фарогир қарор гирифта, шахсияти адабии ӯ ба ҳайси як шоири тавоно ва воқеии мардумӣ муаррифӣ мешавад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Диссертатсия дар самти омӯзиши аҳволу осори шоирони мардумии садаи XX, вижагиҳои ҳунарӣ ва адабию эҷодии онҳо иқдоми шоиста мебошад. Махсусан, омӯзиши фарогири ҷанбаҳои шаклию мазмунӣ, анвои адабӣ, сабку забони ашъори шоирони мардумӣ, таъсирпазирии онҳо аз адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ, истифодаи суннатҳои адабиёти классикӣ ва фолклори тоҷик дар ашъорашон ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ муҳим мебошанд.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур барои таълифи китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ, таълифи рисолаҳои магистрӣ ва номзадӣ, таҳияи мақола ва маърузаю гузоришҳои илмӣ перомуни назми гуфтории тоҷик, аҳволу осори шоирони мардумӣ ва иртиботи адабиёти гуфторӣ бо адабиёти навишторӣ судманд дониста мешавад.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ гардида, таҳлилу баррасиҳо дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва масъалаҳои диссертатсия дар доираи нишондоди ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовнаро дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 7 мақолаи муаллиф мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 5 адади он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

Бинобар ин, кафедраи назария ва таърихи адабиёт диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 14 нафар:
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.
Қарори №7 аз 30.01.2024

Раиси маҷлис: Салихов Ш.А., доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Котиби илмии кафедра: Шоев А.А.

Имзои Ш.А. Салихов ва А.А. Шоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj